# аз 27.02.2021, №3609/4.2.1 "д"

Сарраёсатҳо ва раёсатҳои
мустақили Дастгоҳи марказӣ
Мақомоти ҳудудии андоз

«Доир ба андозбандии
даромадҳои шахсони
воқеӣ ҳангоми бегонакунӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муроҷиатҳои зиёди шаҳрвандон ҳолати риояи талаботи моддаи 104 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба рафти пешниҳоди маълумотномаҳо оид ба мавҷуд набудани уҳдадориҳои андозӣ дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, чунин иттилоъ медиҳад.

Тибқи талаботи бандҳои 7 ва 8 моддаи 104 Кодекси андоз афзоиши арзиш ҳангоми фурӯш ё дигар шакли бегона кардани объектҳои молу мулк бо андоз аз даромад андозбандӣ карда мешаванд. Аз ҷумла:

а) биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки на кам аз 3 сол ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;

б) дигар объектҳои ғайриманқул (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки на кам аз 2 сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд.

в) молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад, (новобаста аз мӯҳлати истифодабарӣ);

г) воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва на камтар аз як сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд.

Тибқи муқаррароти дар боло овардашуда, бо риояи мӯҳлатҳои пешбинишуда, ҳангоми ҷойи зисти (истиқомати) асосии будан ва ё то бегона кардани чунин молу мулк дар моликияти андозсупоранда қарор доштан, соҳибмулки он аз пардохти андоз аз даромад озод мебошад.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти мазкур ҳангоми бегона намудани молу мулке, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидор барои фаъолияти соҳибкорӣ

истифода бурда мешавад, новобаста аз муҳлати истифодабарӣ, тахти андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Натиҷаи таҳлилҳо ва корҳои назоратии мақомоти андоз нишон медиҳад, ки шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз муқаррароти бандҳои 7 ва 8 моддаи 104 Кодекси андозро дуруст дарк накарда, ҳангоми ҳисоби андоз аз даромад дар фаъолияти шахсони воқеӣ аз арзиши умумии объекти молу мулки бегонашаванда маблағи андоз даромад ҳисоб карда мешавад, ки боиси муроҷиатҳои зиёди шаҳрвандон ба Кумитаи андоз гардида истодааст.

Дар баробари ин, тартиби коргузорӣ ва интизоми иҷроия дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда, ҳангоми пешниҳоди маълумотномаҳо аз ҷониби шахсони масъул барои муайян намудани давраи истифодабарии объектҳои ғайриманқул нусхаи ҳуҷҷатҳои лозима аз ҷумла, нусхаи шиноснома бо қайдҳои дахлдори он, шартномаҳо оид ба хариду фурӯш, қабули мерос ва ё пайдо намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ, санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ талаб карда нашуда, нигоҳдории онҳо дар парвандаҳои алоҳида таъмин карда нашудаанд.

Тибқи талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 12.07.2017, №316 тасдиқ гардидааст, пешниҳоди маълумотнома оид ба мавҷуд набудани уҳдадории андозӣ аз рӯи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақомоти андоз дар давоми як рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда пешбинӣ гардидааст.

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба таври дахлдор риоя нагардида, шахсони масъул ба кашолкориҳо роҳ дода, муроҷиатҳои шаҳрвандонро сари вақт баррасӣ наменамоянд, ки ҳолати мазкур боиси норозигӣ ва муроҷиатҳои зиёди шаҳрвандон гардида истодааст.

Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи талаботи сархати 1 қисми 1 моддаи 57 Кодекси андоз ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, бо роҳи фиристонидани огоҳиномаи хаттӣ аз ҳар як шахс талаб намояд, маълумотҳоро дар бораи даромад ва хароҷоти андозсупоранда барои давраи муайяни андоз, дар бораи даромадҳое, ки аз андозсупорандаи дар огоҳинома зикршуда гирифтааст, дар бораи хароҷоте, ки бинобар муносибатҳои мутақобила бо андозсупорандаи дар огоҳинома зикршуда анҷом додааст, пешниҳод намояд.

Бинобар ин, бо мақсади аз байн бурдани ҳама гуна баҳсҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, пешгирии қонунвайронкуниҳо ва ташкили дурусти кор дар ин самт мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шаванд:

а) то мавриди амал қарор додани модули алоҳидаи барномаи комютерӣ мувақаттан бо фармоиши дохилӣ як нафар шахси масъулро вобаста ба дуруст муайян намудани уҳдадории андозӣ, пешниҳоди

маълумотномаи дахлдор ба идораи нотариалӣ ва ташкили махзани ягонаи маълумот дар ин самт вобаста намоянд;

б) бо мақсади халалдор насохтан ва ҳамзамон беасос дахолат накардан ба фаъолияти шахсони воқеӣ ҳангоми гузаштани муҳлатҳои пешбинишудаи бандҳои 7 ва 8 моддаи 104 Кодекси андоз ва ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда будан ва ё то бегона кардани чунин молу мулк дар моликияти андозсупоранда қарор доштан аз андозбандӣ намудани даромадҳои чунин шахсони воқеӣ қатъиян худдорӣ намоянд;

в) дар доираи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба ҳамсар ва дигар аъзои оила дар шакли ҳадя (тӯҳфа) қабул гардидани молу мулки ғайриманқул, аз ҳисоб намудани маблағи андоз аз даромад дар фаъолияти чунин шахсони воқеӣ худдорӣ намоянд;

г) қабл аз ирсоли дархост барои гирифтани маълумотнома оид ба мавҷуд набудани уҳдадории андоз, ҳолати баҳисобгирӣ, дурустии маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андоз аз объекти молу мулки ғайриманқулро тавассути модулҳои барномаи компютерии Системаи мутаҳидаи идоракунӣ ва иттилоотии андоз (СМИИА) назар гузаронида, барои бақайдгирии объекти мазкур, руёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон чораҷӯӣ намоянд;

д) барои минбаъд ба андозбандӣ ҷалб намудани даромадҳои шахсони воқеӣ ҳангоми фурӯш ё дигар шакли бегона кардани объектҳои молу мулк ва ҳамзамон дуруст муайян намудани давраи истифодабарии объектҳои ғайриманқул нусхаи ҳуҷҷатҳои лозима аз ҷумла, нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ бо қайди ҷойи истиқомат, шартномаҳои хариду фурӯш, қабули мерос ва ё пайдо намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба объекти молу мулки бегонашуда ва дигар ҳуҷатҳои барои муайян намудани уҳдадории андозӣ зарурири талаб намуда, нигоҳдории онро дар парвандаҳои алоҳида таъмин намоянд;

е) ҳангоми ба миён омадани фарқиятҳо ва ё дастрас шудани маълумотҳо оид ба бегона кардани молу мулки ғайриманқул бо роҳи ирсоли огоҳиномаҳо ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ даромадҳои чунин соҳибмулконро тибқи талаботи Кодекси андоз бо андоз аз даромад андозбандӣ намуда, дар ин хусус эъломияи дахлдори андоз таҳия ва пардохти маблағи ҳисобшудаи андозро ба буҷет таъмин намоянд;

ё) дар ҳолати арзиши молу мулки бегонашуда аз нархи бозорӣ фарқ намудан, ҳангоми андозбандӣ тибқи талаботи моддаи 24 Кодекси андоз нархҳои бозориро истифода намоянд;

ж) ба инобат гирифта шавад, ки муқаррароти бандҳои 7 ва 8 моддаи 104 Кодекси андоз нисбати шахсони воқеӣ, ки ҳамчун фармоишгари объектҳои сохтмонӣ ба ҳисоб мераванд татбиқ нагардида, он шаҳрвандоне, ки минбаъд чунин молу мулкро аз фармоишгарони сохтмон харидорӣ намуда, пеш аз муҳлати муқарраргардида (камтар аз 3 сол) бегона менамоянд, андозбандӣ карда мешаванд;

з) шахсони воқеие, ки ҳамчун фармоишгари объекти сохтмонӣ ба ҳисоб мераванд, андозбандии онҳо аз арзиши умумӣ бо меъёри 13 фоиз бе татбиқи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз андозбандӣ карда мешаванд.

Бо назардошти муқаррароти қайдгардида, сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеиро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади дуруст татбиқ намудани талаботи он ба субъектҳои хоҷагидорӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда тибқи ҷадвали замимагардида **ҳар семоҳа на дертар то санаи 10-уми моҳи минбаъда** ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатзода

Замима: ба мактуби Кумитаи андоз аз 27.02.2021, №3609/4.2.1 "д"

Маълумоти чамбасти

оид ба шумораи маълумотномахои пешниходшуда доир ба мавчуд набудани ухдадориии андоз ба шахсони вокеи ва хачми андозхои хисобшуда ва пардохтшуда дар Нозироти андоз дар нохия (шахр) ___________дар семохаи ________соли 2021

(хазор сомони)

| р/т | Номгуи макомоти худудии андоз | шумораи маълумотномахои пешниходшуда доир ба мавчуд набудани ухдадории андози аз чумла: | | | | | | | арзиши объекти молу мулки бегонашаванда | | | хисоб ва пардохти андоз аз даромад (бегонакуни) 13% | | | руёнидани маблаги бакияи карзи андозхо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хамаги | хадя ва ё кабули мерос | гарави бонки | бахсхои молу мулки | хариду фуруш (бегонакуни) | чои зисти (истикомати) шахрванд (риояи моддаи 104 КА) | дигар шаклхои бегонакуни | арзиши аввала | арзиши хозира | тафовут (афзоиши арзиш) | хисоб | пардохт | тафовут | |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Чамъ: | | | | | | | | | | | | | | |

Сардор ___________________ (имзо) ________________________________ (ному насаб)

Ичрокунанда:
___________________
Тел:_______________

Маълумот

оид ба шумораи маълумотномахои пешниходшуда доир ба мавчуд набудани ухдадориии андоз ба шахсони вокеи ва хачми андозхои хисобшуда ва пардохтшуда дар Нозироти андоз дар нохия (шахр) ___________дар семохаи ________соли 2021

| р/т | Ному насаби сохибмулк | РМА | Сурогаи объекти молу мулки бегонашуда | масохати объекти молу мулки бегонашуда | | Таъиноти объекти бегона шуда | сана ва раками маълумот нома | шумораи маълумотномахои пешниходшуда доир ба мавчуд набудани ухдадории андози аз чумла: | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | замин | молу мулк | | | Хамаги | хадя ва ё кабули мерос | гарави бонки | бахсхои молу мулки | хариду фуруш (бегонакуни) | чои зисти (истикомати) шахрванд (риояи моддаи 104 КА) | дигар шаклхои бегонакуни |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | | |
| | Чамъ: | | | | | | | | | | | | | |

Сардор ___________________ (имзо) ________________________________ (ному насаб)

Ичрокунанда:
___________________
Тел:_______________

Замима: ба мактуби Кумитаи андоз аз
27.02.2021, №3609/4.2.1 "д"

(хазор сомони)

| **Ному насаби сохибмулки нав** | **РМА** | **арзиши объекти молу мулки бегонашаванда** | | | **хисоб ва пардохти андоз аз даромад (бегонакуни) 13%** | | | **руёнидани маблаги бакияи карзи андозхо** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **арзиши аввала** | **арзиши хозира** | **тафовут (афзоиши арзиш)** | **хисоб** | **пардохт** | **тафовут** | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |